Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

1 октябри соли 2022
Шанбе
№ 78 (14882)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ҚИСМИ ЗИЁДИ МУРОҶИАТҲО ҲАЛЛИ ХУДРО ЁФТ

***Солҳои пеш қисми зиёди муроҷиати шаҳрвандон новобаста аз он ки ба кадом идора, ташкилот ё корхонаву коргоҳ буд, ҳалли худро намеёфт. Ё худ барои муроҷиат ва ҳаллу фасли онҳо бисёр вақт, ҳатто солҳо сарф мегардид. Ҳоло бошад, бинобар ғояи Президент Шавкат Мирзиёев «Халқ ба мақомоти давлатӣ не, балки мақомоти давлатӣ бояд ба халқ хидмат намоянд» масъала ранги дигар гирифтааст.***

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН САМТҲОИ БАРТАРИНОКИ МИНБАЪД ВУСЪАТ ДОДАНИ ШАРИКИРО БО БОНКИ ҶАҲОНӢ МУАЙЯН НАМУД



**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 30 сентябр ҳайати Бонки ҷаҳониро бо сарпарастии ноиб-президент Анна Берде, ки дар мамлакати мо бо ташрифи корӣ қарор дорад, қабул кард.**

Ҷанбаҳои амалии рушди шарикии стратегии Ӯзбекистон бо ин институти байналхалқии бонуфузи молиявӣ ва инчунин вусъат додани ҳамкорӣ дар пеш бурдани барномаи ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодии муҳим дар мамлакатамон муҳокима гардиданд.

Дар оғози мулоқот роҳбари давлат Анна Берде ва ҳайати Бонки ҷаҳониро бо 30 солагии ҳамкории босамар самимона табрик намуд.

Суръати баланд ва натиҷабахшии шарикӣ дар солҳои охир махсус таъкид гардид. Ҳуҷбанди лоиҳаҳои муштарак дар ин давра қариб 4 баробар афзуда, аз 8 миллиард доллар зиёд гардид.

Танҳо дар тӯли соли гузашта, бинобар «нақшаи роҳ», Бонки ҷаҳонӣ таъмини молиявии 6 лоиҳаи бартаринокро ба қимати 1 миллиард доллар дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, энергетика, экология, бахши молиявӣ ва дигар самтҳо дастгирӣ намуд.

Таҳти дастгирии фаъолонаи Бонк ҳоли ҳозир дар Ӯзбекистон бозсозиҳои маҷмӯӣ дар соҳаҳои аграрӣ, энергетикӣ ва нақлиёт бомуваффақият татбиқ мегардад. Бонки ҷаҳонӣ Барномаи мамлакатро то соли 2026 қабул кард, ки он бо Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав мутобиқ гардонда шудааст.

Ноиб-президент Анна Берде пешрафти ислоҳотро дар мамлакатамон олӣ арзёбӣ намуд ва моилии Бонкро барои минбаъд вусъат додани шарикии доманфарох собит намуд.

Омодагӣ ба минбаъд вусъат додани дастгирии экспертӣ ва молиявӣ барои тезондани бозсозӣ дар самтҳои калидӣ, мисли беҳсозии дараҷаи ҳаёт дар деҳот, хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ, трансформатсияи хоҷагии қишлоқ, баланд бардоштани самарабахшии энергетикии иқтисодиёт, такомули таълим ва тандурустӣ, муҳити кор ва сармоягузорӣ таъкид гардид.

Ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои минтақавии стратегӣ, ки барои таъмини суботнокӣ ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ нигаронда шудааст, эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Дар охири мулоқот дар бобати қабул намудани «нақшаи роҳ»-и таҷдидёфта дар заминаи вусъат додани шарикии Ӯзбекистон ва Бонки ҷаҳонӣ аз рӯйи самтҳои калидӣ аҳду паймон ба вуҷуд омад.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# БА ОМӮЗГОРОН ВА МУРАББИЁНИ ӮЗБЕКИСТОН

*Муҳтарам муаллимон ва мураббиён!*

*Дӯстони азиз!*

*Шумо ва дар шахси шумо тамоми омӯзгорони Ӯзбекистонро, ки ҳаёти худро ба касби дар ҷаҳон душвор ва баробари ин пурифтихор бахшидаанд, бо ҷашни умумихалқӣ – Рӯзи омузгорон ва мураббиён, самимона ва аз таҳти дил муборакбод менамоям.*

*Мардуми бомаърифати мо аз қадимулайём муаллимонро қадр мекунад, ба онҳо эҳтиром мегузорад, омӯзгоронро дар сафи волидайн мебинад. Ҳар кадоми мо тамоми умр бо миннатдорӣ ба ёд меоварем, ки дар тамоми комёбҳоямон саҳми бебаҳои муаллимон ва мураббиёни азизамон низ ҳаст.*

*Ба фикри ман, муаллим инсони ба касби худ содиқ, шахсияти пуриқдидор мебошад, ки ҳамқадами замон аст, мактаб бошад, даргоҳи маърифат аст, ки дар он асоси Эҳёи Сеюм гузошта мешавад.*

*Мо, падару модарон, ба шумо, омӯзгорони муҳтарам сарвати аз ҳама азизи худ – фарзандон ва ояндаи онҳоро бовар кардаем. Аз ин нуқтаи назар, суханони шоири бузурги мо Абдулло Орипов* ***«Шумо дар қалби мардум нури некиву дониш фӯрузон мекунед»*** *мазмуну моҳияти ба хусус амиқ пайдо менамояд.*

*Ҳамаи моро он чиз хурсанд мекунад, ки муаллимону мураббиён имрӯз вазифаи неки худро фидокорона иҷро карда,ҷавонони аз ҳар ҷиҳат солимро тарбия мекунанд, ки онҳо дар соҳаҳои илм ва техника, фарҳангу санъат ва варзиш қуллаҳои баландтаринро фатҳ менамоянд.*

*Танҳо як мисол меоварам. Дар соли хониши гузашта писарону духтарони мо дар олимпиадаҳои байналхалқӣ ва минтақавии фаннӣ 45 адад медалҳои тиллоӣ, нуқрагӣ ва биринҷиро ба даст оварданд, ин боз як исботи самаранокии ислоҳоти мост, ки дар соҳаи таълим татбиқ мешаванд.*

*Тавре ки маълум аст,* ***обрӯйи муаллим ин, пеш аз ҳама, обрӯйи миллат, обрӯйи тамоми халқ мебошад.*** *Бинобар ҳамин ҳам солҳои охир мо ислоҳоти васеъмиқёсеро, ки ба баланд бардоштани нақш ва нуфузи омӯзгорону мураббиён дар ҳаёти ҷамъият, ба роҳ мондани низоми таълим дар пояи талаботи замон нигаронида шудаанд, татбиқ менамоем. Аз байн бардоштани таҷрибаи меҳнати иҷборӣ ва ба корҳои гуногуни ҷамъиятӣ ҷалб насохтани омӯзгорон, решакан кардани ҳолатҳои бюрократия дар муассисаҳои таълимӣ натиҷаҳои мусбати худро медиҳанд. Дар ин самт ба роҳ мондани низоми рағбатноксозии муаллимони табақаи олӣ, ки ба мактабҳои ноҳияҳои дурдаст ба кор ҷалб карда мешаванд, боз як қадами муҳим гардид.*

*Дар мамлакати мо низоми самарбахши дастгирии ҳамаҷониба ва муттасили бачагон – аз таваллуд то камолот, кӯмакрасонӣ барои мақоми сазовори худро дар ҳаёт пайдо кардани онҳо ба роҳ монда мешавад. Он чиз сазовори эътибор аст, ки тӯли 6 соли охир миқдори муассисаҳои таълими томактабӣ 5,5 баробар зиёд гардид, яъне аз 28 ҳазор адад гузашт, фарогирӣ бо таълими томактабӣ ба 70 фоиз расид.*

*Баробари ин бояд қайд кард, ки Барномаи миллӣ оид ба рушди таълими халқӣ дар солҳои 2022-2026 қабул шуд, бинобар ислоҳсозии низоми таълими халқӣ ва шуъбаҳои минтақавии он Шӯрои миллӣ ташкил гардид.*

*Бори аввал дар таърихи Ӯзбекистон барномаи пешқадами байналмилалии баҳодиҳӣ ба дараҷаи азхудкунии фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ ҷорӣ карда шуд.*

*Соли равон аз ҳисоби маблағҳои Буҷаи давлатӣ 51 адад мактаби нави дорои тамоми шароитҳои замонавӣ бунёд гардид. Дар 1660 мактаб корҳои сохтмону таъмир гузаронида шуданд, зиёда аз 119 ҳазор ҷойҳои таълимӣ фароҳам омад. Дар 465 мактаб биноҳои иловагии таълимӣ, 115 толор ва майдончаҳои варзишӣ бунёд гардиданд. Дар муассисаҳои таълимӣ беш аз 35 ҳазор маҷмӯи таҷҳизоти таълимӣ устувор ва инфрасохтори тақрибан 1,9 ҳазор мактаб куллан нав карда шуд. Зиёда аз 2,5 ҳазор синфхонаҳои таълимӣ ба миқдори умум бо 31 ҳазор компутерҳои замонавӣ муҷаҳҳаз карда шуданд.*

*Аз соли нави хониш дар 137 мактаби ҷумҳурӣ синфҳои инклюзивӣ боз гардиданд, дар натиҷа садҳо кӯдакони ногиро имкон пайдо карданд, ки фаъолона соҳибилм гарданд.*

*Ба такмил додани дониш ва маҳорати касбии омӯзгорон эътибори махсус дода шуд. Ба шарофати чораҳои дахлдор тӯли соли охир миқдори муаллимоне, ки дараҷаи табақавӣ доранд, аз 300 ҳазор нафар гузашт, ки бидуни шубҳа, ба сифати таълим таъсири мусбат хоҳад гузошт.*

*Ҳоли ҳозир дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии ЮНИСЕФ, ЮСАИД ва бо иштироки коршиносон аз давлатҳои мутараққӣ чун ИМА, Британиёи Кабир, Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ, Финляндия ҷустуҷуйҳои васеъ, ки ба офаридани барнома ва китобҳои дарсии замонавии таълимӣ дар мактабҳо нигаронда шудаанд, идома доранд.*

*Тӯли солҳои охир дар кишвари мо миқдори муассисаҳои таълими олӣ қариб 2,5 баробар афзуда, ба 186 адад расид, квотаи қабул бошад, 3,5 баробар зиёд гардид, ки дар рушди низоми таълими олӣ аҳамияти муҳим дорад. Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки ба мақсади дар соҳа ташаккул додани муҳити солими рақобат 42 адад муассисаҳои таълими олии ғайридавлатӣ ташкил гардиданд, миқдори бахшҳои мактабҳои олии хориҷӣ то ба 31 адад афзуд.*

*Ҳамватанони азиз!*

*Тавре ки ба шумо хуб маълум аст, мо яке аз вазифаҳои асосӣ дар доираи татбиқ намудани Стратегияи рушди Ӯзбекистони Навро тараққии минбаъдаи низоми таълим муайян кардем.*

***Мақсади мо он аст, ки дар Ӯзбекистони Нав хатмкунадаи мактаб шахсият, дорои афкори солиму ҷаҳонбинии васеъ ва иқтидори мустақилона қабул кардани қарор бошад, донишҳои замонавӣ ва технологияҳои иттилоотиро ба хубӣ донад.***

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

# МАҚОМОТИ ГУМРУК ЗИДДИ КОРРУПСИЯ

***Дар Маркази матбуоти миллӣ бо иштироки ҷонишини якуми раиси Кумитаи давлатии гумруки ҷумҳурӣ Илҳом Мухторов, намояндагони Агентии мубориза алайҳи коррупсия ва ходимони масъули кумита доир ба мавзӯи “Сохтори назорати маҷмӯӣ дар мубориза алайҳи коррупсия дар мақомоти гумрукӣ” нишасти матбуотӣ баргузор шуд.***

Дар чорабинӣ қайд гардид, ки дар давоми як соли охир ба мақсади ба зинаи нав бардоштани корҳои маъмурии гумрук, тавассути трансформатсияи рақамикунонидани амалиёти боркашонии гумрук, ҷорӣ кардани шаффофият дар фаъолияти ходимон ва ба минтақаи аз коррупсия холӣ табдил додани гумрук 28 ҳуҷҷати меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд.

Пӯшида нест, ки 17 феврали соли равон таҳти роҳбарии Президент доир ба масъалаи бидуни коррупсия табдил додани соҳа маҷлис баргузор шуда буд. Ҳоло вазифаҳои дар ин маҷлис бамиёнгузошта пайгирона татбиқ мешаванд.

– Дар кору фаъолияти мо,– таъкид намуд И. Мухторов, – фармони дар моҳи апрел баимзорасидаи Президент “Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ доир ба такмил додани корҳои маъмурии гумрук” дастуруламали муҳим аст.

Тибқи фармон мо барномаи фаъолияти худро бобати аз коррупсия холӣ кардани соҳа тасдиқ намудем. Аз 1 сентябри соли равон бино ба барнома сохтори назорати маҷмӯиро тибқи меъёрҳои байналхалқӣ ба роҳ мондем. Ходимони ин соҳа такмили ихтисос мекунанд. Аз 1 июл тартиби ротатсияи ходимоне, ки аз се сол зиёд дар гумрук кор кардаанд, ба роҳ монда шуд. Консепсияи шаффофияти фаъолияти мақомоти хидмати давлатии гумрукро тасдиқ намудем. То 1 октябри соли равон дар ҳамаи ситодҳои гумрукии ҷумҳурӣ тартиби “Декларатсиякунонии масофавии электронӣ” ҷорӣ карда мешавад. Ин ҳама имкон медиҳад, ки соҳаи гумрук аз коррупсия холӣ шавад. Ба роҳ мондани корҳои ҷамъиятӣ бо иштироки созмонҳои ғайридавлатӣ дар ин самт самараи худро медиҳанд.

Таъкид гардид, ки дар давраи гузашта бо таркиби шахсӣ 651 маротиба, бо субъектҳои соҳибкорӣ 57 маротиба, бо аъзои оилаи ходимон 24 маротиба аз рӯйи коррупсия ва оқибатҳои ногувори он чорабиниҳо гузаронда шудаанд. Бояд таъкид кард, ки рақамикунонии сохтор беҳтарин роҳи пешгирии коррупсия дар соҳа мебошад.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик”.**

*Корхонаи муштараки ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Заводи содаи Қӯнғирот» Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ба мақсади коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва аз ин тариқ кор карда баромадани маҳсулоти кимёвии воридотӣ, таъмин намудани эҳтиёҷи соҳаҳои хоҷагии халқ бо содаи калсиниятсияшуда соли 2006-ум ташкил шудааст.*

*Баъдан лоиҳаи иқтидори содаи калсинатсияшудаи корхонаро соле аз 100 ҳазор ба 200 ҳазор тонна расонидан коркард шуд. Мувофиқи лоиҳа иқтидори карери санги оҳаки Ҷамансой соле аз 240 ба 400 ҳазор тонна, иқтидори кони намаки Борсакелмас соле аз 330 ба 470 ҳазор тонна бештар карда шуд. Дар натиҷаи амалӣ гардидани лоиҳа барилова боз 400 ҷойи нави корӣ фароҳам омад ва қариб 1800 нафар бо кор таъмин шуданд.*

***Дар сурат:*** *дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Заводи содаи Қӯнғирот».*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).***



# БОҒҲОИ БАХМАЛ

***Аз ҳисоби маблағи Бонки ҷаҳонӣ ва Иттиҳоди рушди байналхалқӣ дар қаламрави вилоят масоҳати заминҳои боғу токзорҳо рӯ ба афзоиш ниҳода, боғдориву токпарварӣ торафт рушд менамояд.***

Ноҳияи Бахмал бо боғҳояш, ки себҳои хушсифату бозоргир дорад, хеле маъруф аст.

Назар ба маълумотҳо дар як сол аз ин боғҳо беш аз 70 ҳазор тонна ҳосил мегиранд. 51 ҳазор тоннаи он саҳми хоҷагиҳои фермерӣ, соҳибкорон мебошад. 18 ҳазор тоннаи дигар аз ҷониби аҳолӣ ҷамъоварӣ карда мешавад. Масоҳати умумии боғҳо зиёда аз шаш ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Аз ин 1,5 ҳазор гектар боғҳои зудамал мебошанд. Беш аз 4,5 ҳазор гектари он боғҳои маҳаллистанд.

Ба туфайли азхудкунии маблағи Бонки рушду эъмори ҷаҳонӣ, Иттиҳоди рушди байналхалқӣ ва ба воситаи бонкҳои тиҷоратӣ гирифтани воми имтиёзнок якчанд ҷамъияту хоҷагиҳои фермерӣ боғҳои зудамал ташкил намуданд.

ҶММ «Алмосҷон-Толмасҷон» ва хоҷагии фермерии «Ҷаҳонгир-ойкор» аз ҳамин ҷумлаанд. Онҳо ба миқдори 60-65 ҳазор долларӣ воми имтиёзнок гирифта, дар 30-35 гектар замин боғҳои зуд-амал таъсис додаанд.

Тайи солҳои охир дар асоси қарори Сарвари давлат дар 785 гектар замини лалмиву обии вилоят боғу токзор барпо ёфтанд. Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Бахмал 340, дар Янгиобод 245 ва дар Форишу Арнасой 160 гектарро ташкил медиҳад.

Маблағи азхудгардида, пеш аз ҳама, ба бунёди боғу токзор, ҷорӣ намудани технологияи замонавӣ, нигаҳдорӣ ва қадоқкунии маҳсулот равона карда мешавад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# БА ОМӮЗГОРОН ВА МУРАББИЁНИ ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

*Барои муваффақ шудан ба ин мақсадҳои нек мо корро бобати куллан таҷдиди назар кардани барномаҳои мактабӣ, усулҳои таълим, мазмуну моҳияти китобҳои дарсӣ ҳатман то ба анҷоми мантиқиаш мерасонем. Сохтмони мактабҳо дар тамоми минтақаҳо, ба хусус дар деҳот, бо кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ таъмин кардани онҳо аҳамияти аввалиндараҷа хоҳад дошт.*

*Мо корро бобати фароҳам овардани шароитҳои мусоид ва рағбатноксозии меҳнати душвори омӯзгорон, профессорон ва муаллимон, тарбиядиҳандагон, мураббиён, ҳодимони илмӣ, беҳтар намудани таъминоти моддии онҳо ба дараҷаи нав мебардорем. Таълими инклюзивии бачагони имкониятҳояшон маҳдудро ҳамаҷониба инкишоф медиҳем.*

*Алҳол ҳамаи мо шоҳиди он мебошем, ки низоми таълиму тарбия дар маркази эътибори тамоми ҷомеамон қарор дорад. Ҳар як дигаргунӣ дар соҳа дар байни ҳамватанонамон акси садои васеъ пайдо мекунад. Мо минбаъд низ барои иҷрои ҳама кор бо халқамон маслиҳат мекунам, афкори умумро амиқ таҳлил менамоем ва бо назардошти ин комёбиҳои худро дар соҳаи мазкур афзун, хато ва камбудиҳоямонро ислоҳ мекунем.*

*Аз ҳеҷ кас пӯшида нест, ки алҳол ҷаҳон ба саҳнаи рақобати бешафқат табдил ёфтааст. Ҳамаи мо мебинем, ки чӣ гуна дар тамоми соҳаҳо муборизаи тезу тунд ба миён меояд ва хуб дарк мекунем, ки ҳоли ҳозир илм, дониш ва иқтидори зеҳнӣ беш аз пеш зарур мебошанд. Ҳама гуна давлат бо истифода аз хирад метавонад ба пешрафт ва шукуфоӣ муваффақ гардад.*

*Бо дарназардошти ин талаботи ҷиддии замон мо дар мамлакат шабакаи куллан нави мактабҳои махсусро сохмон додем. Барои ба ҷавонон омӯзондани касбҳои замонавӣ садҳо иншооти соҳавӣ, хиёбонҳои IT сохта мешаванд.*

*Мо қарор додем, ки 1050-умин солгарди олими бузургамон Абу Райҳон Берунирро васеъ, дар миқёси байналмилалӣ таҷлил намоем. Дар Хоразм сохтмони шаҳраки нав, ки ба шарафи ниёи машҳури мо Муҳаммад ал-Хоразмӣ номгузорӣ шудааст, оғоз ёфт. Ҳамаи инро мо бо як мақсад – мақсади тарбия кардан ва ба вояи расондани Берунӣ, Хоразмӣ, Ибни Сино ва Фарғониҳои нави Ўзбекистони Нав амалӣ менамоем, то ки Ватани мо дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари мутараққӣ, сулҳхоҳ озод ва шукуфон мақоми беш аз пеш сазоворро ишғол намояд.*

***Имрӯз шумо, муаллимон ва мураббиёни муҳтарам дар соҳаи фавқулодда масъул вазифаи бағоят муҳими таърихиро иҷро мекунед. Зеро тарбияи насли ҷавон, ки тайёр аст манфиатҳои Ватан ва халқро устуворона ҳифз кунад, дорои мавқеи мустаҳками ҳаётӣ бошад, аз ҳеҷ кас дар ҳеҷ боб кам набошад, ин воқеан вазифаи аз ҳама бузург аст.***

*Ба ҳамаи шумо дар ин роҳ муваффақиятҳо ва дар фаъолияти некатон комёбиҳо орзу мекунам.*

*Ба шумо саломатии мустаҳкам, бахту саодат, сулҳу салоҳ ва дар оилаҳоятон фаровонӣ таманно дорам, омӯзгорон ва мураббиёни азиз!*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.***




*Мувофиқи қарори муштараки Вазорати таълими халқ ва Вазорати технологияҳои иттилоотиву рушди коммуникатсияҳо чун анъана ҳар сол лоиҳаи «Як миллион дастурчӣ» амалӣ мегардад. Соли равон низ дар доираи лоиҳаи мазкур 100 нафар омӯзгорони беҳтарини фанни «Технологияҳои ахбор ва информатика»-и мактабҳои таълими умумие, ки курсҳои хонишро бо муваффақият ҷамъбаст кардаанд, ба миқдори 5 400 000 сӯм мукофоти пулӣ гирифтанд. Дар байни онҳо омӯзгорони бухороӣ – муаллимаи мактаби рақами 28-уми шаҳри Бухоро Заррина Умарова, омӯзгори мактаби 31-уми шаҳр Ситора Шарипова, муаллимаи мактаби рақами 29-уми ноҳияи Ғиждувон Зӯҳра Адизова ҳам ҳастанд.*

*Сурат аз шабакаи расмии Telegram канали ҳокимияти вилояти Бухоро.*

# БА УЗВИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ВЕЛОСПОРТИ ЎЗБЕКИСТОН МУКОФОТИ ДАВЛАТӢ СУПУРДА ШУД

***Дар ҳар як намуди варзиш варзишгароне ҳастанд, ки бо ибрати худ дар байни аҳолӣ дар ташаккул ва тарғиби тарзи ҳаёти солим саҳм мегузоранд. Яке аз чунин шахсиятҳо дар варзиши велосипедронии Ўзбекистон Олга Забелинская мебошад.***

Хидматҳои ўро ҳукумати мамлакатамон ба назар гирифта, 30 августи соли ҷорӣ тибқи фармони Президентамон, дар бораи ба муносибати 31-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Ўзбекистон мукофотонидани як гурӯҳ кормандони соҳаи илм, маориф, нигаҳдории тандурустӣ, варзиш, адабиёт ва фарҳанг узви дастаи мунтахаби велоспорти Ўзбекистон Олга Забелинская низ бо унвони «Варзишгари шоистаи Ўзбекистон» сарфароз гардид.

Муддати дароз Олга бинобар машғулот дар хориҷа буд, инчунин, дар як қатор мусобиқаҳои байналмилалӣ ширкат варзид ва аз ин рӯ то ҳол ба гирифтани ҷоизаи худ муваффақ нашуда буд. Рӯзи 27 сентябр дар Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон маросими супурдани нишони махсус ва ҷоизаи пулӣ барои иштирокаш дар «Бозиҳои ваҳдати исломӣ», ки дар шаҳри Коняи Туркия баргузор гардид, ба амал омад.

Мукофотро раиси Сенат, раиси федератсияи велоспорти Ўзбекистон Танзила Норбоева супурд.

Ёдовар мешавем, ки дар ин мусобиқа ҷамоаи яккачини Ўзбекистон ҷамъ 11 медал, яъне 3 тилло, 4 нуқра ва 4 биринҷӣ ба даст овард.

Ҳамаи медалҳои тилло насиби Олга Забелинская гардид, ки вай дар пойгаи яккачин байни занҳо ва дар пойгаи гурӯҳӣ аз рӯйи холҳо ҷойи якумро гирифт.

Бояд гуфт, ки ў ягона велоспортчиест, ки шарафи мамлакатамонро дар олимпиадаи Токио ҳимоя кард.

Илова бар ин, Олга дар пойгаҳои гуногуни байналхалқӣ мунтазам иштирок карда, дар баланд бардоштани нуфузи кишварамон дар арсаи ҷаҳон саҳм мегузорад.

Масалан, моҳи июли соли ҷорӣ ў дар пойгаи машҳури UCI - Jiro d'Italia Donne ва моҳи июл дар пойгаи Tour de France Femmes avec Zwift иштирок намуд. Ба наздикӣ Олга Забелинская дар чемпионати ҷаҳон оид ба шоҳроҳи велоспорт, ки дар шаҳри Буллангоги Австралия гузаронида шуд, иштирок кард.

**Хидмати иттилооти**
**Сенати Олий Маҷлиси**
**Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

# ҚИСМИ ЗИЁДИ МУРОҶИАТҲО ҲАЛЛИ ХУДРО ЁФТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Яъне акнун ҳар як шаҳрванди мамлакатамон метавонад бо ин ё он мушкилоту масъала ба «Қабулгоҳҳои халқӣ» муроҷиат кунад.

Алҳол нафақат роҳбарони корхона ва муассисаҳо, ҳатто ҳокимони ноҳия, шаҳр ва вилоятҳо низ мувофиқи секторҳо ба маҳалҳо рафта, бо аҳолӣ мулоқот мекунанд, қабулҳои сайёр ташкил менамоянд ва дар ҳаллу фасли муаммоҳои мардум саҳм мегузоранд.

Қабули сайёри навбатии прокурори вилояти Сирдарё Санҷар Мавлонов дар маҳаллаи Бахмалсойи ноҳияи Сайҳунобод баргузор гардид. Қабул чор соат давом карда, ҷамъомадагон ба прокурор бо беш аз сад масъалаву муаммо ва пешниҳодҳо муроҷиат карданд.

Қисми асосии муаммои онҳо мисли ҳарвақта оид ба кумакпулӣ, нафақа, хонаву ҷой, вомҳои имтиёзнок, таъминоти газу барқ, мумфарш кардани роҳҳо, замини наздиҳавлӣ ва ҳифзи саломатӣ буд.

Дар қабули сайёр бошандаи маҳалла Носирҷон Маҳкамов барои кумак ба сиҳатии ҳамсараш муроҷиат кард. С. Мавлонов ба дӯши мутасаддиён барои ҳалли муроҷиати ў вазифаҳо гузошт.

Баробари расидани зимистон мушкилоти таъминоти гази табиӣ ва энергияи барқ зиёд мешаванд. Дар ин ҷода барои иҷрои муроҷиати як гурӯҳ истиқоматкунандагони маҳаллаи мазкур прокурор ба мутасаддиёни дахлдор вазифаҳои мушаххас дод.

– Ман ёрии моддӣ талаб намекунам, агар як мошини дӯзандагиам мебуд, барои нигоҳубини оилаам худам маблағ пайдо мекардам, — гуфт сокини маҳалла Назокат Муҳиддинова. – Муроҷиатам, ки дар ин бора буд, зуд ҳал шуд. Аз ин хурсандиам ҳадду канор надорад.

Қабули сайёри навбатӣ дар маҳаллаи Гулбулоқи ноҳияи Сайҳунобод низ баргузор гардид, ки дар он муроҷиаткунандагони маҳаллаҳои ҳамсоя низ иштирок карданд.

— Синнам аз 70 гузашт, — худро муаррифӣ кард яке аз сокини маҳалла Набиҷон Қосимов. – Зиёда аз 20 сол раиси маҳалла будам. Ҳоло низ аз фаъолони маҳаллаам, барои ободии он саҳм мегузорам. Аз номи бошандагон баҳри беҳтар кардани таъминоти барқ ва мумфарш намудани роҳи маҳалла муроҷиат кардам. Муроҷиатам ба Барномаи «Маҳаллаи обод» барои соли 2023 дохил шуд. Аз ин сарам ба осмон расид.

Бошандаи маҳалла Насиба Каримова бо арзи ба кор таъмин шудан муроҷиат кард. Муроҷиати Маҳлиё Нуралиева низ оид ба ин масъала буд. Муроҷиати ҳар ду дар ҷояш ҳаллу фасл гардид.

Иброҳим Абдусаломов хоҳиш кард, ки барои сохтмони корхонаи дорусозӣ аз бонк воми имтиёзнок гирад. Прокурор ба дӯши мутасаддиён барои ҳалли муроҷиати ў вазифаҳо гузошт.

Оре, ҳоло ягон муроҷиати аҳолӣ беэътибор намемонад. Чунон ки дар қабули сайёр қисми зиёди муроҷиатҳо ҳалли худро ёфтанд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

## Фикри депутат

***Дар мамлакатамон солҳои охир бо ташаббуси роҳбари давлат доир ба такмил додани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва баланд бардоштани самаранокии он чорабиниҳои васеъмиқёс ба амал татбиқ мегарданд. Ба хусус, сохтори мақомоти корҳои дохилӣ ва фаъолияти Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон куллан ислоҳ гардид.***

# ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО САРИВАҚТ ПЕШГИРӢ МЕШАВАНД

Дар шароити пурталотуми имрӯза таъмини бехатарии давлат ва тартиби ҷомеа эътибори зиёд талаб мекунад. Гузашта аз ин, зарурати ҳифзи муҳити зист, истифодаи самарабахши захираҳои табиӣ ҳамчун мушкилоти рӯзмарра ва васеъмиқёс боқӣ мемонад.

Мувофиқи қонунгузории дарамал аз сабаби он ки ваколатҳои тартиб додани баённомаҳо дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба роҳбарияти мақомоти корҳои дохилии ҳудудӣ, инспекторҳои профилактика ва ходимони бехатарии роҳ дода шудааст, барои ходимони хидмату патрулу пост аз рӯйи ҳолатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ки худашон муайян кардаанд, амалиёти бо тартиби иҷборӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ ё бунгоҳи такягоҳӣ оварда, бо роҳи огоҳӣ ба шахси мансабдори ваколатнок супурдани шахси ҳуқуқвайронкунанда ҷорӣ карда шудааст.

Ҳоло ба мақомоти Гвардияи миллӣ ваколати расмикунонии баённомаҳои маъмурӣ доир ба ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар 6 моддаи Кодекси ҷавобгарии маъмурӣ дар назар дошта шудааст ва ба суди дахлдор фиристодани он дода шудааст.

Аз сабаби ба мақомоти Гвардияи миллӣ дода нашудани ҳуқуқи тартиб додани баённома оиди ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ҳуҷҷатҳое, ки доир ба ҳолатҳои муайянгардида ҷамъоварӣ шудаанд, барои ҳаллу фасл ба мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ фиристода мешавад.

Ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва самарабахш истифода бурдан аз захираҳои табиӣ, умуман то ба дараҷае ба гирду атроф зарар мерасонад, ки ҷойи онро сарпур ва чен карда намешавад ва ба натиҷае оварда мерасонад, ки бартарафсозии он душвор мегардад. Зарурати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳа хеле муҳим буда, он ба афзоиши фишоре, ки хусусияти техногенӣ дорад, алоқаманд аст.

Афзудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва самарабахш истифода бурдан аз захираҳои табиӣ дар навбати худ профилактикаи ҳуқуқвайронкуниҳои соҳаи мазкур ва ба дараҷаи баланд бардоштани сохтори зидди онро тақозо менамояд.

Лоиҳаи қонун «Дар бораи дохил намудани тағйирот ва изофаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон ба муносибати такмил додани қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи экология ва тартиботи ҷомеа», ки ба ҳамин мақсад таҳия шудааст, дар хониши сеюми маҷлиси палатаи поёнии парламент қабул карда шуд.

Ҷиҳати эътибornокии меъёрҳои лоиҳаи қонун дар он аст, ки он ба пурсамар ба амал татбиқ намудани фаъолияти профилактикаи ҳуқуқвайронкуниҳои соҳаи самарабахш истифода бурдан аз захираҳои табиӣ ва сари вақт бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо нигаронида шудааст.

Бо як сухан ифода намоем, ҳуҷҷати мазкур бо қонун ба тартиб овардани муносабатҳои соҳа, беҳбудии ҳолати санитариву экологии ҷойҳои зисти аҳолӣ, ҳифзи саломатии мардум ва ташаккул додани муҳити хуб барои зиндагонии онҳо хидмат мекунад.

**Таваккал ЧОРИЕВ,**
**депутати Палатаи**
**қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**

# ОЗОДОНА ИСТИФОДА БУРДАН АЗ ИТТИЛООТ БАРОИ РУШДИ ҶОМЕА ХИДМАТ МЕНАМОЯД

***Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Бунёди иҷтимоии дастгирӣ ва рушди мас-медиаи миллӣ дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО дар шакли гибрид конфронси байналмилалӣ ташкил намуд. Он мавзӯи густардаи «Интеллекти сунъӣ, идоракунии электронӣ ва дастрасӣ ба иттилоот»-ро дар меҳвари баҳсу баррасӣ қарор дод.***

Конфронс ба Рӯзи байналмилалии дастрасии умумӣ ба иттилоот бахшида шуд. Дар он мутахассисон ва коршиносони маҳаллӣ ва хориҷӣ, раисони кумитаҳои масъалаҳои сиёсати ахбори Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, роҳбарони ниҳодҳо ва созмонҳои давлатӣ, котибони матбуоти вазорату идора ва муассисаҳо, инчунин намояндагони расонаҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ ширкат намуданд.

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон, Вазири туризм ва мероси фарҳангӣ, раиси Комиссияи миллии Ўзбекистон дар умури ЮНЕСКО Азиз Абдуҳакимов дар маросими ифтитоҳи ин конфронс гуфт, ки ҳадаф аз баргузории он таҳлили корҳое мебошад, ки дар миқёси ҷаҳонӣ ҷиҳати тавсеаи дастрасӣ ба иттилоот анҷом дода мешаванд.

– Дар мамлакати мо сиёсате пиёда мешавад, ки бар асоси он шаффофият ва ошкорбаёнӣ, дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоот ва амсоли он пурра таъмин карда мешавад. Хусусан, дар солҳои охир дар соҳаи дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоот дигаргуниҳои куллӣ рух медиҳанд, – изҳор намуд Азиз Абдуҳакимов.

Дар ҷараёни суханронӣ директори Бунёди ҷамъиятии дастгирӣ ва рушди мас-медиаи миллии Ўзбекистон Нозима Давлетова, ёвари Директори генералии ЮНЕСКО дар бахши коммуникатсия ва иттилоот Тавфиқ Ҷеласси, директори иҷроияии созмони ҳамкории "Ҳукумати кушод" Санҷай Прадхан (онлайн) ва дигарон низ то чи андоза муҳим будани идоракунии электронӣ ва дастрасӣ ба иттилоотро барои ҳар як ҷомеа қайд намуданд.

Рӯзи аввал дар мавзӯи "Истифодаи имкониятҳои идоракунии рақамӣ ва зеҳни сунъӣ барои шаҳрвандони огоҳ ва тавонманд" бо иштироки мутахассисону коршиносон суҳбати «мизи мудаввар» ва мубоҳисаи гурӯҳӣ баргузор шуд. Он дар сатҳи баланд гузашт. Қайд гардид, ки солҳои 90-ум дар 14 кишвари ҷаҳон қонун дар бораи озодии иттилоот вуҷуд дошт, вале ҳоло ин рақам ба 135 расидааст.

– Инъикоси имкониятҳои идоракунии рақамӣ ва интеллекти сунъӣ ба манфиати рушди устувори ҷомеа ва фароҳам овардани шароит барои дастрасӣ ба иттилоот хеле мусоидат менамояд. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот бояд аз тарафи мақомот пазируфта шавад, ба ин васила масъалаҳои зиёд матраҳ мешаванд ва суолҳои зиёд низ барои худ посух пайдо мекунанд, – гуфт ҳамоҳангсози доимии СММ дар Ўзбекистон Роли Астана.

Яке аз масъалаҳое, ки боиси эътирофи иштирокчиёни ин конфронс гардид, додани кафолати озодии баён аз тариқи Қонуни асосии Ўзбекистон дар солҳои истиқлолият мебошад. Маълум шуд, ки дар асоси он зиёда аз даҳ қонун кабул карда шудааст. Дар айни ҳол таҳияи лоиҳаи Кодекси иттилоот низ аз ҷониби мутахассисон ва коршиносон бо суръати том идома дорад.

Дар муддати панҷ сол дар доираи Стратегияи амалиёт дар мамлакати мо нақш ва аҳамияти воситаҳои ахбори омма дар татбиқи назорати ҷамъиятӣ, ки бар асоси қонунгузорӣ муайян шудааст, ба таври куллӣ мустаҳкам карда шуд.

Ҷанбаи дигар озодии баён ва аз роҳи ошкорбаёнӣ ифода ёфтани хоҳиш ва дархостҳои шаҳрвандон, кушодӣ ва шаффофии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ аз нишондиҳандаҳои босифати Ўзбекистони Нав арзёбӣ гардиданд. Ҳамаи ин, аз як тараф, ба пурра таъмин намудани озодии баён дар мамлакати мо хизмат карда бошад, аз тарафи дигар, аз кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ дарки амиқи масъулияти иҷтимоиро низ талаб мекунад.

Дар давоми рӯзи аввал иштирокчиёни конфронс дар масъалаҳои "Нақши ҳукумати электронӣ ва зеҳни сунъӣ дар пешбурди равишҳои фарогир барои дастрасӣ ба иттилоот", "Шаффофият аз рӯи тарҳ: Чӣ гуна иштирок ва масъулиятро дар асри рақамӣ бояд таъмин кард?" ва доир ба Қонун «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот ва дастовардҳо дар татбиқи он» фикру ақидаҳои худро баён намуданд.

Дар ниҳояти рӯзи аввали конфронси байналмилалӣ, ки басо пурмуҳтаво арзёбӣ гардид ва масъалаҳои зиёди мубрами таҳти назарро дақиқан дар худ инъикос намуд, бо қабули Эъломияи Тошканд ба поён расид.

– Эъломияи Тошканд ўҳдадориҳои кишварҳои узви СММ-ро дар мавриди эътироф ва эҳтироми ҳуқуқи бунёдии дастрасӣ ба иттилоот комилан бозтоб медиҳад. Он тамоюлҳои мавҷудаи идоракуниро акс кунонида, муаммоҳое, ки ба туфайли интеллекти сунъӣ ва технологияҳои ҷадид зимни гирифтани иттилоъ пеш меоянд, дар худ гунҷоиш медиҳад. Инчунин тавассути қонунгузориҳои миллӣ дастрасӣ ба иттилоотро сода мегардонад, барои гурӯҳи одамоне, ки имкониятшон маҳдуд мебошад, кафолати дастрасӣ ба иттилоотро таъмин хоҳад кард, – изҳор намуд намояндаи ЮНЕСКО Мариус Лукошюнас.

Намояндаи Озарбойҷон Ламия Зейналова гуфт, ки дар бораи харҷи буҷаи давлат додани маълумот дар оғоз баъзе мушкилот эҷод менамуд. Он гоҳ сайт кушоданд, то ки ба воситаи он чунин маълумот дастраси мардуми кишвар бошад. Вай тазаккур дод, ки тибқи зарурати пешомада онҳо корҳои маърифатӣ пиёда карданд, то ки одамон ҳаққи худро бишносанд ва донанд, ки аз кадом ҳаққу ҳуқуқ бархурдоранд, дар муддатҳои муқарраршуда давлат назди онҳо оид ба харҷи буҷа ҳисобот медиҳад.

Дар ҷамъбасти конфронси байналмилалӣ директори Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Асадҷон Хоҷаев, ёрдамчии директори генералии ЮНЕСКО оид ба робита ва иттилоот Тавфиқ Ҷеласси ва намояндаи ЮНЕСКО дар Ўзбекистон хонум Сара Ношадӣ ба ширкаткунандагони чорабинӣ сертификатҳо супурданд.

– Дар давоми ду рӯз мутахассисону коршиносони варзида ба масъалаҳои зиёд равшанӣ андохтанд. Пӯшида нест, ки дар кишвари мо баъзан ҷиҳати дастрасӣ пайдо кардан ба манбаъҳои иттилоотӣ мушкилӣ пеш меояд. Аммо агар ҳарчи бештар маълумот ба кормандони воситаҳои ахбор ва расонаҳои гуногун сари вақт тақдим гардад, танҳо ба манфиати ҷомеа хоҳад буд. Муҳтавои маърӯзаҳои зиёди коршиносони хориҷиро, ки аз идораву ниҳодҳои гуногуни бонуфуз намояндагӣ карданд, ба ҳайси маълумоти тоза метавон унвон кард, – мегӯяд мутахассиси бахши матбуоти Вазорати таълими томактабии Ҷумҳурии Ўзбекистон Шаҳноза Тӯраева.

Баргузории ин чорабинии бонуфуз дар Тошкандро ҳанӯз соли 2020 дар Порис раҳбарияти AIMC(Муҳосиботи онологӣ дар хотира) ва директори генералии ЮНЕСКО Одри Азуле зимни мулоқоти худ барномарезӣ кардаанд.

Ҳар сол дар остонаи таҷлили ин сана натиҷаҳои бадастомада дар густариши дастрасӣ ба иттилоот дар соири кишварҳои ҷаҳон мавриди таҳлил қарор мегирад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

## ХАБАРҲО

### АВТОБУСҲО ОВАРДА МЕШАВАНД

***Дар асоси қарори Президент аз 2 феврали соли 2022 "Дар бораи чораҳои иловагӣ оиди боз ҳам ривоҷ додани сохтори наклиёти ҷамоатии шаҳри Тошканд" ба пойтахт автобусҳои нав оварда шуданд.***

То поёни соли равон овардани ҷамъ 190 дона автобуси тамғаи MAN A22 CNG ба нақша даровардa шудааст. Ин автобусҳо дорои 30 курсии нарм буда, ба нишасти 60 нафар мувофиқ шудаанд. Онҳо кондитсионер доранд, сӯзишвориашон гази табиии моеъ. Онҳо дар баъзе хатҳо ҷойҳои автобусҳои хурди ИСУЗУ-ро иваз мекунанд.

То поёни соли равон ҳамчунин овардани 85 автобуси ғунҷоишаш миёнаи SAZ LE низ дар нақша ҳаст. Ҳоло ин гуна автобусҳо дар пойтахт 115 адад.

Овардани электробусҳо то соли оянда мавкуф гузошта шудааст.

### ДАР РОҲИ БОЗ ҲАМ ХУРРАМСОЗИИ ДИЁР

***Ҳукумат низоми "Боғи сабз"-ро тасдиқ кард ва акнун мувофиқи он мақомоту ташкилотҳои давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандӣ, мулкдорҳои хонаву ҷой метавонанд барои барпои ин гуна боғҳо ба ҳокимиятҳо муроҷиат намоянд. Таклифҳое, ки ворид шудаанд, дар давоми 15 рӯзи корӣ дида баромада мешаванд.***

Дар асоси таклифҳои тасдиқшуда ҳар сол то 15 май лоиҳаҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимият барои қабул кардани қарорҳои дахлдор ба муҳокимаи шӯроҳои маҳаллии депутатҳои халқ ворид карда мешавад.

Агар шӯроҳои маҳаллии депутатҳои халқ онҳоро тасдиқ кунанд, то 20 январи соли оянда бо корхонаи давлатӣ-унитарии "Ҳудуди сабз" шартнома баста мешавад. Ба "Боғҳои сабз" ҳар сол дар мавсимҳои баҳор ва тирамоҳ ниҳолҳо шинонда мешаванд.

### МАНЗИЛҲОИ НАВ БАРОИ ҲАРБИЁН

***Зимни анҷумани матбуотӣ, ки дар Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавӣ бо иштироки роҳбарияти Вазорати мудофиа баргузор гардид, таъкид ёфт дар давоми солҳои 2017–2021 ҷамъ 7225 нафар хидматчиёни ҳарбӣ бо хонаву ҷой таъмин карда шуданд.***

Нафақат онҳое, ки хидмат мекунанд, ҳамчунин шаҳрвандоне, ки аз хидмат ба захира фиристода шудаанд ва аъзои оилаашон соҳиби манзилҳои замонавӣ шуданд.

Агар то соли 2017 нишондиҳандаи таъминот ба манзил дар сохтори Вазорати дифоъ соле аз 450 зиёд набошад, дар натиҷаи пеш бурда шудани корҳои сохтмон дар шаҳри Тошканд ва ҳамаи вилоятҳо, татбиқи амалии худ ёфтани Барномаи давлатӣ оиди хонаву ҷой ин рақамҳо ҳоло солона бештар аз 1500-ро ташкил менамоянд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**




1-октябр – Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён

# ОРЗУИ БОЗГАШТ БА МАКТАБХОНӢ

***Бо фарорасии Рӯзи устодон ва мураббиҳо қалби моро эҳсоси наҷибе фаро мегирад ва фикр мекунем ин рӯзи муборак давраи беғубор ва нотакрори бачагиро зинда месозад дар пеши назари мо. Мактаби азиз, устодони меҳрубони худро ба ёд меорем бо як ҳузни ширин. Ба ҳамсинфу ҳаммактабҳо, ки замонҳое паҳлу ба паҳлу нишаста, дарс мехондем, шӯхиву бозиҳо менамудем, пазмонии дилу рӯҳ ҳис месозем.***

Вақте сухан дар бораи устодон аст, меххоҳам номи нахустустоди худ Зайниддин Низомовро қайд карда гузарам дар навбати аввал. Он кас ва ҳамсафонашон Шарофиддин Маткаримов, Абдуллоҷон Домуллоев, Бобо Мазиёев ва Баротҷон Ҳасанов, дар даврае, ки мактабхон будем, устоди арҷманди онҳое низ буданд, ки дар мактаби рақами 18-уми ноҳияи Риштон (ҳоло дабистони рақами дувуми ноҳияи Сӯх) омӯзгорӣ мекарданд. Ман дар мактаби зикршуда айни замон аз сабақҳои Хайрулло Мирзоев, Абдуваҳҳоб Акбаралиев, Додохон Холназаров, Тоҳирҷон Мазиёев, Миралӣ Сидиров, Баҳодур Хидиров, Абдураззоқ Қодиров, Акбарҷон Сафаров барин муаллимон баҳраманд шудаам, ки он асно муаллими ҷавон бошанд, ҳоло даври пирӣ меронанд ё ба зиндагӣ падруд гуфтаанд. Ёди устодоне,ки дар қайди ҳаёт нестанд, ҳамеша дар дил. Салоҳиддин Завҳаров, Субҳиддин Шарофиддинов барин устодони муътабари мо ҳоло навадсола. Умрашон зиёда бод!

Ба назар чунин мерасад, қисми муайяни шахсони муътабар, ки дар воҳаи Сӯхи вилояти Фарғона умр ба сар бурда ва мебаранд, муаллимонанд.

Яке аз бонувони номдори вилоят, дорандаи медалу орденҳои ҳукуматӣ Очаором Рафиқова (шодравон), ки ду бор ба депутатии Шӯрои Олии ҷумҳурӣ интихоб шуда, аз муаллимӣ ба дараҷаҳои баланд расид. Баъди хидматҳои шоён дар соҳаҳои гуногун боз ба касби пештара баргашт ва дар мактабе, ки роқими ин сатрҳо таҳсил кардааст, ба насли ҷавон сабақ дод.

Аксарияти номдорон дар Сӯх, ки соҳиби унвонҳои фахрӣ шудаанд, муаллимонанд. Дар давраи шӯравӣ Ҳомид Одилӣ дар вилояти Фарғона яке аз аввалин омӯзгороне ба шумор мерафт, ки ба гирифтани унвони "Муаллими хидматнишондодаи ҷумҳурӣ" сазовор шудаанд. Дар давраи истиқлолият ду нафар устодони мо – Обидхоҷа Иброҳимов ва Абдураҳим Абдусаломов "Муаллими мардумии Ҷумҳурии Ӯзбекистон" гардиданд. Муаллими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик Саврор Эрназаров ба унвони "Ходими хидматнишондодаи таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон", омӯзгор Гулчеҳра Маҳбубова ба унвони "Мураббии хидматнишондодаи ҷавонон" лоиқ дониста шуданд. Ботурхон Ақрабов, ки солҳои зиёд ба дабистони рақами даҳум роҳбарӣ ва дар пешбурди таълим дар ноҳия хидмати сазовор кардааст, бо ордени "Меҳнат шуҳрати", айни замон фидоиёни таълими халқ Шаҳодат Бойболаева, Икромҷон Қодиров, Гулшан Зарифов бо ордени "Дӯстлик", Ҳакимҷон Мирзокаримов, Муҳаммадсобит Гадоев, Ёқубҷон Маҳмудов, Нуриддин Хӯҷамқулов бо медали "Шуҳрат" тақдиронида шуданд.

Соли равон ба шарафи "Рӯзи ҷавонон" сарвари муассисаи таълими томактабии ғайридавлатӣ Шабнам Адҳамбекова бо медали «Келажак бунёдкори», ба муносибати Рӯзи дӯстии халқҳо омӯзгори собиқадор Субҳиддин Шарофиддинов бо ордени "Меҳнат шуҳрати", инчунин таҳти фармони Президент ба муносибати 31-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон собиқ мудири шуъбаи таълими халқи ноҳия, ҳоло директори дабистони рақами сиюм Амирҷон Темиров бо ордени "Дӯстлик" мукофотонида шуданд. Ҳамаи ин далел бар он ки чи дар давраи шӯравӣ ва чи давраи истиқлолият устодон дар кулли ҷабҳаҳо, хоссатан дар соҳаи таълими халқ сидқидилона меҳнат кардаву шогирдони сазовор бароварда ва беҳтаринҳо муносиб тақдиронида шудаанд. Аммо устодоне, ки пешсафиро аз даст намедиҳанд ва собит месозанд, воқеан ба касбе, ки интихоб кардаанд, содиқ мебошанду номашон ин ҷо зикр наёфт, дар ноҳия хеле зиёд.

Қобили таваҷҷуҳ боз он ки аксарияти алоқамандони таълим дар Сӯх бо матбуоту расонаҳои хабарӣ аз наздик ошноӣ доранд. Муаллимони пешқадам ҳамчун эҷодкори хушсалиқа низ ном баровардаанд. Ҳасан Иззатӣ, Зайниддин Миров, Бобо Саидбеков, Гадойбой Назарқулов, Ӯринбой Раҳимов, Ғаниҷон Муъминҷонов, Раҳимбердӣ Мавлонов, Абдураҳим Беҳбуд, Нодир Нодирӣ, Олимҷон Олимов, Неъматулло Суннатуллоев, Ҳамробой Илҳом, Шодибой Маҳмудҷонов барин соҳибқаламон, ки саҳифаҳои рӯзномаи ноҳиявии "Садои Сӯх" ва "Овози тоҷик"-ро бо навиштаҳои худ обод мекарданд, муаллим буданд. Омӯзгориву эҷоди бадеӣ ва публисистиро баробар пеш мебурданд. Мирасрори Фарғонӣ, Масъуди Мирзо, Расулбек Аҳмадзод, Содиқҷон Тоҳиров, Садриддини Ҳушёрӣ, Фарҳод Ҷӯраев, Раҳимбердӣ Тошматов, Баҳриддин Тоҷиддинов барин рӯзноманигорону шоирон, ки муттасил эҷод мекунанд, дар асл муаллиманд ва агарчи бархе дар вазифаҳои дигар фаъолият мебаранд, худро алоқаманди мактаб ва таълиму тарбия ҳис мекунанд, ба тақдири шогирдҳо дар муассисаҳои таълимӣ бепарво нестанд. Қисми асосии пажӯҳишгарони илм, ки бомуваффақият ҳимоя карда, дараҷаҳои илмӣ гирифтаанд, низ устодмуаллим буда, Ӯринбой Сӯфиев ва Абдувоҳид Йӯлдошев барин номзадҳои илм ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дарс медиҳанд.

Ду-се сол инҷониб адади донишҷӯён аз Сӯх, ки дар муассисаҳои таълими олии мамлакат ва берун аз он таҳсил менамоянд, ба таври ҳисшаванда афзуд. Муассисаҳои таълимию тарбиявӣ симои замонавӣ дошта, бо зарууртарин ускунаҳои асрӣ муҷаҳҳазанд. Ба бачаҳои аслу наслашон тозаву хушбахт – авлоди Синову Бухориву Фарғониҳо, ки ҷониби дабистон бо сад умеду орзу қадам мегузоранд,чашм дӯхта, даври афсонамонанди мактабхониатон ба хотир меояд. Орзуи ба бачагӣ баргаштан рӯ мезанад дар қалб. Хусусан дар арафаи рӯзе, ки ба сифати иди умумихалқӣ қайд карда мешавад...

Ид муборак,устодони азиз!

**М. ШОДИЕВ.**
**узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон.**

# АЗ ВАФОВУ РОСТӢ РОНӢ СУХАН, ОМӮЗГОР, ЧУН ТӮЙ ШОИСТА ШАМЪИ АНҶУМАН, ОМӮЗГОР.

# ҲАМПЕШАИ ЗАҲМАТПИСАНДИ МАН

Ним аср. Ба гуфтан осон, аммо агар ҳар касе, ки ба ин дами нек расидааст, сари сарҳисоби он нишинад, чӣ гармиву сардии зиндагӣ ва чӣ талху ширинии онро пеши назар меорад ва дар ҳақиқат, аз омадаш меболаду аз ноомадаш менолад. Фалсафаи ҳаёт ҳам айнан ҳамин гуна аст, гоҳ шодиву гаҳе ғам. Ана аз ҳамин нуқтаи назар Азаматҷон Мирзоев низ пасту баландӣ ва дармону дарди зиндагиро баробар паси сар кардааст. Зиёда аз бисту панҷ сол аст, ки дар мактаби рақами 43-юми ноҳияи Нурато ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ фаъолият мебарад. Ва ҳар дам аз муваффақияти шогирдонаш меболаду зери лаб шукрона мегӯяд.

Дарҳақиқат, имсол шогирдоне, ки вай муддати чаҳор сол сарпарастӣ намуда буд, ба қавле, хишти аввалини бинои донишашонро гузоштааст, аз 25 нафар 23 нафарашон ба мактабҳои олии мамлакатамону кишварҳои ҳамсоя дохил шуданд. Баъзан хидмати устодон маълум намегардад, вале агар дақиқтар назар афканем, то чӣ андоза заҳмати зиёде мекашад муаллим, то ки шогирдони худро ба муроди дилашон расонад...

Дуруст аст, ки хидмати муаллимӣ вазнин аст, вале бояд гуфт, ки меҳнати омӯзгоре, ки ба синфҳои ибтидоӣ дарс медиҳад боз ҳам машаққатноктар. Дар урфият хуб гуфтаанд:

*Хишти аввал чун ниҳад*
*меъмор каҷ,*
*То Сурайё меравад девор*
*каҷ.*

Бо хурдтараконӣ ҳанӯз ба олами ноошно қадамгузошта кор бурдан заҳмати зиёд талаб мекунад. Ин иқдом аз омӯзгор масъулият ва таҷрибаи ғанӣ талаб менамояд. Маҳз муаллиме, ки соҳиби қобилияту истеъдоди баланд аст, онро дуруст ҳазм мекунад ва хидмати хуб ба роҳ мемонад, то самараи дилхоҳ ба даст орад. Зеро маҳз натиҷаи меҳнат аз бурду бохти кори омӯзгор дарак медиҳад. Худ аз худ маълум мегардад, ки Азаматҷон Мирзоев дар таҳсилу тарбияи шогирдони худ аз таҷрибаи бойи дар давоми солҳо андӯхтааш босамар истифода намудааст. Ногуфта намонад, ки соли ҷорӣ вилояти Навоӣ дар миқёси ҷумҳурӣ аз рӯйи дохилшавӣ ба макотиби олӣ ҷойи якумро ишғол намудааст. Дар ин самт хидмати омӯзгорон сазовори таҳсин аст.

Сирри кори Азамат пӯшида нест. Вай бештарини дарсҳояшро бо усули анъанавӣ ба роҳ мемонад. Ва аксар маврид ҷараёнҳои дарсро дар асоси аёниятҳое, ки худаш дар давоми солҳо тибқи талаботи мавзӯъҳо таҳия гардондааст, ташкил менамояд. Педагоги машҳури рус Д.Ушинский хеле бамаврид гуфтааст: "Кӯдак оинаест дар ғояти хирагӣ ва фақат муаллим метавонад бо заҳмати зиёду бардавом ин оинаи басо нозукро сайқал бидиҳад". Оре, Азамат аз ганҷинаи дастурии педагогони машҳур хабар дорад ва онро сари вақт бамаврид истифода менамояд.

Азамат Мирзоев пас аз хатми Донишкадаи омӯзгории Душанбе кори худро аз соли 1995 дар мактаби зодгоҳаш оғоз кардааст. Дар ин муддат зиёда аз садҳо шогирдонро ба воя расондааст. Оиладор мебошад. Се духтар ва як писар дорад. Духтари охиринаш Интизора имсол ба Донишкадаи технологии Ҷиззах тариқи гранти давлатӣ дохил шудааст. Аз духтарони калонӣ соҳиби се набера мебошад.

Аз сабаби он ки дар як мактаб таҳсил кардаем ва дар як давр ба донишкада дохил шуда, қариб дар як вақт корро дар як ҷой сар кардаем, бинобар ин аз бисёр хислату хӯ ва рафтори вай ба хубӣ огаҳам. Бисёр шахсияти аҷиб дорад. Хеле ҳозирҷавоб ва зарофатгӯ мебошад. Дар бисёр аз сӯҳбатҳо дастболо мегардад. Шартакигӯй аст. Аз ин рӯ, бисёр ҳамкорон ва ёру ошноён дар вақти суҳбат бо ӯ маҷбур мешаванд, ки сахт эҳтиёткор шаванд. Боре сари суҳбати дӯстон яке аз ҷӯраҳояш шӯхиомӯз гуфт, ки камина факултаи сухан хондаму баробарат гап намеёбам, ту ин қадар гапро аз куҷо меёбӣ? Вай андеша накарда, ҳамоно: — Мо шумо барин аз кӯҳҳо ҳезуми тару хушки табиатро табарзан карда намекашонем, аз китобхонаи мактаб китобҳои Бобои Рӯдакиву Бобои Фирдавсиро мекашонем, – гуфту монд. Дар ҳақиқат, ба адабиёти мумтозу муосир эҳтиром дорад ва пайваста ҷустуҷӯ мекунад.

Мирзоевро соли 2019 маъмурияти мактаб вазифадор кард, ки дар озмуни ноҳиявии «Муаллими синфи ибтидоӣ» иштирок намояд. Бахташ омад, дар миқёси ноҳия, ки зиёда аз панҷоҳ нафар омӯзгорон иштирок намуданд, сазовори ҷойи дуюм гардид. Алҳол омӯзгори тоифаи дуюм мебошад. Вай борҳо бо тухфаҳои молию пулӣ ва ифтихорномаю ташаккурномаҳои ноҳиявию вилоятӣ сазовор гардидааст. Аз касби худ ифтихор мекунад.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,**
**хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик».**

## Лабханди омӯзгор

### Маслиҳат

Диловар ба падараш гуфт:

– Пагоҳ ба ҷамъомади падару модарон ба мактаб наравед!

– Барои чӣ? Туро муаллимат танқид мекунад?

– Не, шуморо танқид мекунад.

### Вақти холӣ

Суҳбати муаллима ва хонанда.

– Мансур, барои чӣ дар вақти дарс себ мехӯрӣ?

– Мехоҳам, ки дар танаффус вақти холӣ зиёдтар монад.

### Франсиск сағира буд

Дар дарси таърих муаллим ба хонанда савол дод:

– Дамирҷон, падари Людовик XVI кӣ буд?

– Людовик XV.

– Бисёр хуб. Падари Карл VII-чӣ?

– Карл VI.

– Офарин. Падари Франсиск I кӣ буд?

– Устод, ба фикрам ин бечора сағира буд.

### Аҳмадҷон

Дар дарси тарбия суҳбати муаллим ва хонанда:

— Аҳмадҷон, ту бештар ба суханони падарат гӯш медиҳӣ ё ба суханҳои модарат?

— Ба суханҳои модарам.

— Барои чӣ?

— Чунки бисёр гап мезананд.

### Тақсимоти дарс

Суҳбати муаллим бо шогирд.

— Муаллим, зиёиён ҳам чанг мекунанд?

— Мутаассифона, мекунанд!

— Он чанг ба кадом моҳ рост меояд?

— Ба моҳи августи фасли тобистон!

— Агар маҳфӣ набошад, ин чанг чӣ ном дорад, устод?

— Номаш «Тақсимоти дарс» аст, шогирди азиз...

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**

## *Ҳар кӣ аз устод гурезад...*

*Ҷабри устод беҳ зи меҳри*
*падар.*

***

*Сӯҳбати ҷонпарвар аст суҳбати*
*омӯзгор.*
***(Саъдии ШЕРОЗӢ).***

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*
***(Абдураҳмони ҶОМӢ).***

*Эй мубтадӣ, ту таҷриба*
*з-омӯзгор гир,*
*Зеро ки бе таҷриба омӯзгор*
*нест.*
***(Масъуди Саъди САЛМОН).***

*Ҳар кӣ аз устод гурезад*
*дар ҷаҳон,*
*Ӯ зи давлат мегурезад,*
*ин бидон!*
***(Мавлавии БАЛХӢ).***

*Ҳаққи устод аз падар беш аст,*
*В-аз падар устод дар пеш аст.*
*Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,*
*Устод аз наҷот баҳра диҳад.*
***(Камолиддини Биноӣ).***

*Аз вафову ростӣ ронӣ сухан,*
*омӯзгор,*
*Чун тӯй шоиста шамъи*
*анҷуман, омӯзгор.*
*Партави илму ҳунар аз сайъи*
*ту хомӯш нест,*
*Дар дилу дар дидаҳо дорӣ*
*Ватан, омӯзгор.*

*Таҳияи*
***Фариштаи ҒОИБНАЗАР.***

# ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ – ХИШТИ АВВАЛИ БИНОИ БУЗУРГИ ОЯНДА

***Бахшида ба Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён мо бо мудири шӯъбаи таълими халқи ноҳияи Самарқанд Баҳриддин МАРДОНОВ доир ба корҳои таълиму тарбия, мушкилот ва дастовардҳои соҳаи маориф сӯҳбат оростем, ки онро ба хонандагони «Овози тоҷик» ҳавола менамоем.***

**– Баҳриддин Ҳабибович, тавре ки Сарвари давлатамон қайд карданд, хишти аввалу асосии рушд ва нерӯе, ки кишварро тавоно ва миллатро бузург мегардонад, илму маориф аст. Дар ҳақиқат, фардои мо, ояндаи дурахшони мамлакатамон, пеш аз ҳама, ба сохтори таълими халқ ва тарбияе, ки мо ба фарзандонамон медиҳем, зич алоқаманд аст. Ба ин масъала, ки Президенти мамлакатамонро сахт ба ташвиш овардааст, шумо чун мудири шӯъбаи таълими халқи ноҳия чӣ назар доред?**

– Дуруст қайд намудед. Ба фикрам, эътиборе, ки ба маориф аз ҷониби ҳукумат дода мешавад, дар ҳеҷ куҷо нест. 28-уми январ ва 5-уми апрели соли равон вобаста ба таҳлили натиҷаҳои ислоҳот дар соҳаи маорифи халқ, сифати таълим, нерӯи омӯзгорон ва дар маҷлисҳои видеоселекторӣ дараҷаи пасти дохилшавии донишҷӯён ба мактабҳои олӣ танқид гардида, барои бартараф намудани он нақшаҳо муайян карда шуданд.

Бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки Сарвари давлат дар давоми давраи гузашта 55 фармону 117 қарори ифодакунандаи манфиат, оянда ва ҳуқуқи ҷавононро ба имзо расонидаанд, ки ин мисоли равшани таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ ба ҷавонон аст. Боз ҳам тараққӣ додани системаи таълими халқи ноҳия, пешбурди ташаббусҳои нав дар соҳа ва дастгирӣ намудани онҳо, ҳалли масъалаҳое, ки ба сифати таълиму тарбия бевосита ва бавосита таъсир расонда метавонанд, ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилоту идораҳои масъул дар назар аст. Инчунин, қабул гардидани Барномаи минтақавӣ барои дастгирии ҷавонони ноҳия, ба зинаи нави баланд бардоштани сифати таълиму тарбия имкони бузург фароҳам овард.

**(Давомаш дар саҳ.4).** ⇨

# ШАРАФ ВА МАСЪУЛИЯТИ ОМӮЗГОРӢ

***Вақте вориди мактаби миёнаи рақами 22-юми ноҳияи Бӯстонлиқ шудем, рости гап, аз табиати атрофи он, дарахтони сарсабз, гулу райҳони ду тарафи роҳ, хушмуомилагии омӯзгорон, тартибу интизоми хонандагони он диламон равшан шуд. Дар ин даргоҳ барои таълиму тарбия гирифтани хонанда ҳамаи шароит муҳайё карда шудааст. Кабинетҳои фаннӣ бо техникаи ҳозиразамон пурра таъминанд.***

– Аз ҷониби роҳбари давлат баҳри баланд бардоштани нуфузи муаллим, қадр, шаън ва обрӯйи ӯро барқарор намудан, ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ рағбатнок кунонидани меҳнати пурмашаққат ва масъулиятноки ӯ як қатор корҳо анҷом дода мешаванд. Дар чунин давраи навоварӣ, кору фаъолияти омӯзгор низ бояд пур аз навовариҳо шавад,– гуфт ҳангоми суҳбат директори мактаби номбурда Шароф Абдукаримов. – Пухта азхуд кардани технология ва методикаи замонавӣ талаби давр буда, ҳар як омӯзгор аз он бояд ба таври васеъ истифода барад. Ҷамоаи мактаби мо низ ҷавобан ба ин ғамхориҳо дар таълиму тарбияи насли наврас нақша ва услуби кори худро аз нав дида баромаданд. Ба ибораи роҳбари давлат "Дар коре, ки рақобат ҳаст, пешравӣ ҳаст", байни омӯзгорон рақобат ба миён меояд. Онҳо кабинетҳои фаннии худро бо ҷиҳозҳои зарурӣ таъмин намуданд, мутахассисон дар асоси барномаи нави давлатӣ маҳфилҳои фаннӣ, дӯзандагӣ, рассомӣ, варзиш, дуредгариро ба роҳ монданд ва дар ноҳияву вилоят ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.

Яке аз чунин муаллимаҳои фидоии мактабамон – муаллимаи забон ва адабиёти рус Шарифа Раҳимҷонова мебошад, ки 41 сол инҷониб фаъолият мебарад. Муаллима бо омӯзгорони пуртаҷриба Эътибор Насриддинова, Мукаррам Раҳимбердиева, Бахтиёр Нормирзоев, Адҳам Ҳасанбоевҳо дар як саф истода меҳнат кард, аз устодони худ Сотиболдӣ Эрматов ва Зокирҷон Бобоевҳо (руҳашон шод бод) асрори касб омӯхт.



Оре, Шарифа Раҳимҷонова имрӯз худ устод асту садҳо шогирдонро таълиму тарбия додааст. Шогирдони ӯ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти мамлакатамон меҳнат мекунанд.

Самараи меҳнати Раҳимҷонова барин омӯзгорон аст, ки ҳар сол даҳҳо нафар хатмкардагон донишҷӯйи мактабҳои олӣ ва касбу ҳунар мегарданд.

– Имрӯз барои додани таълиму тадрис шароит муҳайё мебошад. Мо – омӯзгорон ба ин ғамхорӣ бояд ҷавоби муносиб диҳем. Дар оила низ ҳамсарам ба ман кумак мерасонад. Се нафар фарзанд ва ҳашт нафар наберахо қуввату оромбахши дили мо ҳастанд. Ҳосили меҳнати омӯзгорӣ ба осонӣ ба даст намеояд, аз он бахтиёр ҳастам, ки дар тарбияи насли наврас, ояндаи шукуфони мамлакат саҳм мегузорам, – мегӯяд муаллима.

**Пардабой ЭРГАШЕВ,**
**шаҳри Ғазалкенти вилояти ТОШКАНД.**



*Мактаби ихтисосонидашудаи информатика ва технологияи ахбори рақами 8-уми шаҳри Навоӣ на фақат дар шаҳр, балки дар вилоят низ яке аз масканҳои таълимии намунавист.*

*Ҳавлии мактаб, толор ва ҳамаи синфхонаҳо бо гулҳои рангоранг оро дода шудаанд, ки аз ин табъи ҳар як омӯзгор, хонанда ва волидони онҳо болида мегардад.*

*Дар мактаб 4312 нафар хонанда таълим мегирад. Ба онҳо 285 нафар омӯзгорони ботаҷриба тибқи андозаҳои замонавии таълим дарс медиҳанд.*

*Дилором Ҳакимова (дар сурат) қариб 30 сол аст, ки аз фанни забон ва адабиёт сабақ медиҳад. Соли 1993 Донишкадаи давлатии омӯзгории Навоиро хатм намудааст.*

*– Аз ҷавонӣ муаллима шуданро орзу мекардам. Ба орзуям расидам. Аз "Устод", "Муаллим" гуфтани бачаҳо дилам аз ифтихор лабрез мегардад. Имрӯз ба хонанда чӣ тавр донишу тарбия диҳанд, фардо натиҷааш ҳамон хел мешавад, – мегӯяд Аълочии таълими халқи ҷумҳурӣ Дилором Ҳакимова.*

***Сурати ӮзА.***

# БАЪД АЗ 32 СОЛ...

Инак орзуи чандинсолаи мо – ҳамкурсон, ки Донишкадаи омӯзгории Самарқандро хатм намуда будем, ҷомаи амал пӯшид. Моро деҳаи зебоманзари Ӯхм (Ҳоят) ба оғӯш гирифт. Вохӯрӣ хеле хуб ва хотирмон гузашт. Шодиву нишот, бурдбориву муваффақиятҳои якдигарро ба ҳам дидем. Аз манозири зебои деҳаҳои қаторкуҳи Нурато – Ӯхму Синтаб дидан кардем, бо мардуми меҳмондӯсту саховатпешаи он ҷо суҳбатҳо оростем. Давраҳои фаромӯшнопазири донишҷӯӣ, лаҳзаҳои гуворои онро ба хотир оварда, завқу шодӣ намудем.

Ёди устодон намуда, аз баъзе шӯхиҳои ҷавонӣ дар хиҷолат мемондем. Чунки аксарияти мо имрӯз номи устодӣ дорем ва аз соддитарин шӯхиву ба дарс нотайёр омадани шогирдон асабӣ мешавем.

Дар ҳақиқат, он ҳама устодоне, ки дар солҳои донишҷӯӣ ба мо асрори муаллимиро кушодаанд, аксарият имрӯз дар қайди ҳаёт нестанд.

Ҳама чиз хуб буд, аммо бисёрии ҳамкурсон касби пуршарафи омӯзгориро тарк намуда, аз пайи касбу кори сердаромад шудаанд. Чанд нафар ҳатто солҳои дароз аст, ки дар хориҷ зиндагӣ мекунанд. Сабаби ин ҳолатро пурсем, баста шудани мактабҳои тоҷикӣ ё маоши ками омӯзгориро ваҷҳ меоранд. Нафароне низ буданд, ки солҳои тӯлонӣ омӯзгорӣ карда, садҳо шогирдонро ба воя расонидаанд ва аз соҳиби ин касби бошараф буданашон ифтихор доранд.

Аз симои ҳамкурсон, аз чашму абрувонашон ҳамон симои ҷавонӣ ҳувайдост. Танҳо аз сафедии мӯю абрӯ, ожангҳои рӯю гардан аён мегардид, ки таъсири зиндагӣ, гузашти айём ба мо асар намудааст.

Вохӯриву дидорбинӣ бо дӯстон, ёди устодони меҳрубон муҳаббати самимӣ, меҳру оқибати инсонҳоро меафзояд.

Дар арафаи иди касбии муаллимон ва мураббиён ба устодоне, ки аз дунё гузаштаанд, охирати обод, ба устодоне, ки даврони пирӣ меронанд, саломатии бардавому болидахотириро таманно менамоем.

Ба ҳамаи шарикдарсони давраи донишҷӯиям ва дар симои онҳо ба ҳамаи устодон, омӯзгорон, ки имрӯз фаъолият мебаранд, тани сиҳҳат, хушбахтии рӯзгор, ободии хонадону фаровонии дастархонро хоҳонем.

**Элмурод РӮЗИЕВ,**
**омӯзгори тоифаи олӣ.**
*Ноҳияи НУРАТОИ вилояти НАВОӢ.*

# ҶИЛОИ ТОЗАИ МАКТАБИ КУҲАН

Мактаби рақами 39-уми ноҳияи Самарқанд аз дабиристонҳои қадимтарини ноҳия ба шумор меравад.

Соли 1982 бинои мактаб аз саргаҳи деҳаи Андиҷонӣ ба маркази деҳа кӯчида буд. Аниқтараш, чил сол пеш бо ҷаспу талоши Даврон Иброҳимов, сонитар Паттӣ Холова барин сарварони таълимгоҳ мактаб соҳиби бинои калони замонавӣ гардид. Дар муддати ин солҳо агарчӣ мактабро ҳар сол таъмири ҷорӣ менамуданд, танҳо соли 2017 ҳангоми директории Адаш Ҷалолов ду бино таъмири асосиро дид. Директори нави мактаб Дилдора Ҳабибова фаъолиятро аз ободонӣ сар кард. Ҳайдар Ӯроқов, Абдуҷаббор Умаров, Фурқатҷон Узоқов, ки дар солҳои гуногун ҳамин мактабро хатм кардаанд, ба таъмири мактаб камари ҳиммат бастанд. Ба онҳо Санҷар Каримов, Облобердӣ ва Шӯҳратҷон барин устову тадбиркорони босахо ҳамроҳ шуданд.

Ҳоло мактаби таърихан куҳанбунёд ҷилои навро соҳиб мегардад. Дар мактаб ташкил шудани синфҳои махсуси забономӯзӣ, интерфаъол, китобхона ва дигар таҷҳизоти компутерии замонавӣ сифати таълимро даҳчанд мебардорад. Гулгашту хиёбонҳо низ таъмир меёбанд. Ҳоло ободонӣ дар мактаб давом дорад.

**Мансурҷон НОРОВ,**
**Озод ҲАМИДЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ДОНИШГОҲИ НАВ БА ФАЪОЛИЯТ ОҒОЗ НАМУД

***Дар арафаи ҷашни Рӯзи муаллимон ва мураббиён дар ноҳияи Қибрай Донишгоҳи байналхалқии хоҷагии қишлоқи шоҳигарии Британияи Кабир барои донишомӯзон дарҳои худро боз намуд.***




Дар маросими кушодашавии донишгоҳ мушовири вазири хоҷагии қишлоқ Алишер Шукуров, директори Маркази миллии дониш ва инноватсияи хоҷагии қишлоқ Алишер Тӯраев, проректори Донишгоҳи хоҷагии қишлоқи шоҳигарӣ Питер МакКаффери, директори Шӯрои Британия дар Ӯзбекистон Дениз Уоддингхэм таъкид намуданд, ки дар байни Ӯзбекистон ва Британияи Кабир дар ҳамаи соҳаҳо сол аз сол ҳамкориҳои самарабахш вусъат меёбад.

– Муассисаамон дар доираи иҷрои қарори Президент Шавкат Мирзиёев «Дар бораи ташкил намудани Донишгоҳи байналхалқии хоҷагии қишлоқ» аз 7 майи соли 2022 кушода шуд, – гуфт ректори донишгоҳ Мунира Аминова. – Ҳоло мо ба курси якум беш аз 160 нафар духтарону писаронро қабул кардем. Донишҷӯён аз рӯйи ҳафт самт: агрономия, агроиқтисодиёт, агрологистика, биотехнология, хоҷагии қишлоқи боақл, чорводорӣ, маҳсулоти хӯроквории бехатар таълим мегиранд. Дар донишгоҳ барои ба амал татбиқ намудани дониши андӯхта ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст. Ҳоло ба нақша гирифтаем, ки дар замини назди донишгоҳ ҷиҳати селексия ва муҳандисии он таҷрибаҳо гузаронем.

Бояд таъкид намуд, ки Донишгоҳи байналхалқии хоҷагии қишлоқи шоҳигарӣ яке аз муассисаҳои таълимии бонуфузи Британия буда, таърихи 150 сола дорад. Хатмкунандагони донишгоҳ натанҳо илму таҷрибаи зиёд меомӯзанд, балки соҳиби дипломи донишгоҳи Британия низ мешаванд. Ҷараёни таълим дар марказ ва муассисаҳои хоҷагии қишлоқи Аврупо низ сурат мегирад.

– Аз сафи донишҷӯёни чунин донишгоҳи бонуфуз ҷой гирифтанам мамнунам, – гуфт донишҷӯйи курси аввал Азиза Озодбекова. – Дар ин ҷо таълим ба забони англисӣ бурда мешавад. Ҳоло барои мо имконияти пайвастан ва ҳамкорӣ намудан бо кластер ва марказҳои агросаноатии ҳудудӣ, ки дар оянда моро бо кор таъмин менамоянд, мавҷуд аст. Кишоварзӣ аз соҳаҳое мебошад, ки бо суръати баланд рушд меёбад. Фикр мекунам, ки бо донишу таҷрибаи андӯхтаамон дар рушду нумӯи соҳаи кишоварзии мамлакатамон ҳиссаи арзанда мегузорем.

**Н. НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
***Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.***

## ҶАМОАИ ИТТИҲОДИЯИ ТИББИИ ШАҲРИ САМАРҚАНД

*тамоми кормандони педагогиро, ки ҳаёти худро ба кори муҳим ва наҷиби тарбияи авлоди нав бахшидаанд, бо*

***Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён самимона муборак менамояд!***



**Ба шумо дар иҷрои вазифаи олиҷаноб ва масъулиятнокатон қувваву ғайрат, комёбӣ ва омад, ба хонадонатон хушбахтӣ ва беҳбудӣ таманно менамояд.**

# ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ – ХИШТИ АВВАЛИ БИНОИ БУЗУРГИ ОЯНДА

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ҳоло дар тасарруфи шӯъбаи таълими халқи ноҳия 55 муассисаи таълимӣ мавҷуд. Аксарияти мактабҳо ба ягон фан ихтисосонида шуда, беш аз пеш муваффақиятҳоро соҳиб мегарданд.

**– Устод, хуб мебуд агар дар бораи таҳлили корҳое, ки дар соли таҳсили гузашта дар самти таълими халқ ба ҷо оварда шудаанд, ҳарф мезадед.**

– Дар давраи гузашта барои баланд бардоштани иқтидори кадрҳои муассисаҳои таълимӣ, зиёд намудани шумораи кадрҳои дорои маълумоти олӣ кӯшиш кардем. Дар мактабҳои сифати таълимашон паст аз рӯи таҳлили нишондиҳандаҳои KPI, ки бо муаллимони маълумоти миёнаи махсус кор мебаранд, кам карда шуд.

**– Эътибор ба омӯзиши забони хориҷӣ дар кадом сатҳ аст?**

– Яке аз вазифаҳои таъхирнопазир дар соли таҳсили 2021-2022 зиёд кардани ҳиссаи омӯзгорони фанҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таълимии дорои шаҳодатномаҳои миллӣ ва байналмилалӣ буд. Муболиға нест, агар бигӯем, ки ин вазифа қисман иҷро шуд, зеро дар соли хониши 2020-2021 шумораи омӯзгорони фанни хориҷӣ дар сатҳи C1 ҳамагӣ 2 нафар ва дар соли таҳсили 2021-2022 ба 40 нафар расид. Аз 312 нафар муаллимони забонҳои хориҷӣ 86 нафарашон сертификати дараҷаи B2 гирифтанд. Ин назар ба соли таҳсили гузашта 56 нафар зиёд аст.

Дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд семинарҳои хонишӣ ташкил менамоем. Дар доираи ҳамкориҳо аз ҷониби декани факултети забони англисии донишкадаи мазкур А. Исмоилов ва устодони ботаҷрибаи факултет дарсҳои маҳорат гузаронида шуданд.

Байни омӯзгорони забонҳои хориҷӣ ва омӯзгорони дигар фанҳо барои ба даст овардани ҷоизаи ҳокими ноҳия аз фанни забони хориҷӣ озмун гузаронида шуд. Омӯзгорони ғолиб бо ифтихорномаи ҳокими ноҳия, тӯҳфаҳои хотиравӣ рағбатнок гардонида шуданд. Дастаи мактаби махсусгардонидашудаи рақами 10 дар зинаи вилоятии озмуни «Беҳтарин мактаби таълими забонҳои хориҷӣ» ҷои аввалро ишғол кард. Дар зинаи ҷумҳуриявии озмун хонандаи синфи 9-уми мактаби мазкур Беҳрӯз Аллаёров дар номгӯйи «The best writer» ғолиб гардид.

**– Баҳриддин Ҳабибович, шояд шуморо чун раҳбари муассисаҳои таълимии ноҳия тақдири минбаъдаи хатмкунандагон низ дар ташвиш гузорад...**

– Албатта. Дар соли таҳсили 2021-2022 синфи 9-ро 3312 нафар ва синфи 11-ро 2482 нафар хатм карданд. 206 нафар хатмкардагони синфи 9 шаҳодатномаи аъло гирифтанд. Ба 2 нафар хатмкардагони синфи 11 медали нуқра ва ба 49 нафар медали тилло дода шуд. Аз шогирдон умеди калон дорем.

**– Нақши технологияҳои иттилоотӣ дар самти рақамикунонии муассисаҳои таълимӣ дар кадом дараҷа қарор дорад?**

– Дар ноҳия 54 муассисаи таълимӣ пурра бо техникаи муосири компутерӣ таъмин карда шуданд. Истифодаи платформаи “Рӯзномаи электронӣ” дар тамоми мактабҳои таҳсилоти умумӣ роҳандозӣ гардида, барои омӯзгорону хонандагон инфрасохтори технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ фароҳам оварда шуд.

**– Ҳоло, ки мулоқоти рӯ ба рӯ бо халқ ба дараҷаи боло расидааст ва сафи муроҷиаткунандагон дар ҳама соҳа ҳастанд, кор бо онҳо дар шӯъба чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?**

– Бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки системаи кор бо муроҷиати мардум яке аз нуктаҳои дардноктарин мебошад. Тавре Президент таъкид кардааст, мо бояд пеш аз ҳама мардумро розӣ кунем. Ба идораи мо дар соли таҳсили 2021-2022 аз шаҳрвандон 129 муроҷиат расида, ҳамаи он ҳалли худро ёфтаанд. Муаллимон ва хонандагони фаъол беэътибор намондаанд. Мактабҳои ноҳия барои ба се забон таълим гирифтани хонандагон ҳамаи шароитро муҳайё намудаанд. Ҳоло нақшаҳо зиёданд.

**– Барои сӯҳбат ташаккур.**

Нигорандаи сӯҳбат
**Дилрабо НАСИМӢ.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*



**Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1025. Адади нашр 4697 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.